агар намозҳои фарз (намозҳои панҷгона)-ро ба ҷо орам, моҳи рамазонро рӯза бидорам, ҳалолро ҳалол ва ҳаромро ҳаром бидонам

Аз Ҷобир (Худованд аз ӯ розӣ бод) ривоят аст: марде аз Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) пурсид: оё ман агар намозҳои фарз (намозҳои панҷгона)-ро ба ҷо орам, моҳи рамазонро рӯза бидорам, ҳалолро ҳалол ва ҳаромро ҳаром бидонам, ва бар он чизеро зиёд накунам, оё бароям басанда аст аз аҳли биҳишт бошам? Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: " Ope". Он мард гуфт: Қасам ба Аллоҳ чизеро бар он зиёд нахоҳам кард.

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (Салому дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) дар ин ҳадиси муборак баён медорад, ки ҳар касе намозҳои панҷгонаро адо кунад, агарчи намозҳои нафлӣ нахонад, ва моҳи рамазонро рӯза дорад ва рӯзаи нафлӣ нагирад, ҳалолро ҳалол донад ва онро анҷом диҳад ва ҳаромро ҳаром донад ва аз он дурӣ ҷуяд, дохили ҷаннат хоҳад шуд.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65003